**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии № ___

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 10-уми ноябри соли 2020, **№ 35**

Барои сазовор донистани Саидзода Муҳаббат Шералӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 31.03.2020, суратмаҷлиси №20 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019, №133) қабул карда шудааст.

Унвонҷӯй Саидзода Муҳаббат Шералӣ 17-уми ноябри соли 1964 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1986 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин)-ро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Саидзода Муҳаббат Шералӣ унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови АИ ҶТ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои

ҳуқуқшиносӣ) ба ҳисоб мерафт. Аз моҳи августи соли 2012 то ба имрӯз ба ҳайси Раиси суди ноҳияи Шаҳринав фаъолият мекунад.

Санаи 16 майи соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Тоҷикистон таъин карда шудааст.

Диссертатсия дар доираи барномаи панҷсолаи мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили асосҳои қонунгузории ҳуқуқи хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019» дар шуъбаи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ омода ва муҳокима шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №9 аз 29-уми феврали соли 2020). Мавзӯи диссертатсия – «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шӯрои илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (протоколи №6 аз 30.06.2017).

**Роҳбари илмӣ: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – Раиси Арбитражи байналмиллалии тиҷоратии назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Муқарризони расмӣ:**

Золотухин Алексей Валеревич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон

Ҳошимзода Даврон Додоҷон – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии **«Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон»** (ш. Душанбе), дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон имзо ва аз ҷониби Ректори

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, профессор Факеров Ҳ.Н. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саидзода Муҳаббат Шералӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Унвонҷӯй вобаста ба мавзӯи диссертатсия, муаллифи 5 мақолаи илмӣ мебошад, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва Федератсияи Россия тавсиядиҳанда ва 2 адад воситаи таълимӣ ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯй нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯй аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М]**. Саидзода, М.Ш. Понятие права в воспитание: Проблемы законодательной регламентации [Текст] / Саидзода М.Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – 2018. – №1 (73). – Душанбе, 2018. – С. 63-65.

**[2-М]**. Саидзода, М.Ш. Общая характеристика правовых форм воспитания детей, оставшихся без попечения родителей [Текст] / Саидзода М.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №3.– Душанбе, 2018. – С 203-207.

**[3-М]**. Саидзода, М.Ш. Субъекты права на воспитание: проблемы прававой регламентации [Текст] / Саидзода М.Ш. // Ахбори Институти

фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – № 1.– Душанбе, 2018. – С. 183-187.

**[4-М]**. Саидзода, М.Ш. Лишение родительских прав: проблемы прававого регулирования [Текст] / Саидзода М.Ш. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – № 4.– Душанбе, 2018.– С. 255-259.

**2. Мақолаҳои илмӣ ва дигар маводҳои чопии муаллиф:**

**[5-М]**. Саидзода, М.Ш. Общая характеристика правовых основ воспитания детей в Республики Таджикистан (межотраслевые связи) [Текст] / Саидзода М.Ш. // Юридическая наука: история и современность.– 2017.– № 7. – Санкт-Петербург, 2017. –С. 76-87.

**[6-М]**. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” / Зери таҳрири Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён. Душанбе, 2019-363 с.

**[7-М]**. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират” / Зери таҳрири Раҳимзода М.З. Душанбе, 2017. Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-103 с.-6,4375м п.л.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд: Маҳмадшозода Ф.А** . – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини директори Маркази миллии ќонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Каримов А.К. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент; Қурбонализода Н.Ш – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сармутахассиси раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Исмоилов Ш.М- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проффессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта баён гардидааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро доир ба моҳият ва мазмуни нуктаи илмии ҳаштум, яъне мувофиқат накардани ташкили институти "беби-бокс"ба арзишҳои миллӣ , мақомоти ваколатдор оид ба ташкил ва назорати истифодаи “бэби-бокс” коркард ва пешниҳод нашудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда бо қонунгузории давлатҳои англо-саксонӣ истифода нашудаанд, адабиётҳои илмии мамлакатҳои Аврупо ва Амрико истифода нашудааст, ва дигар камбудиҳои забониву имлогиро фаро мегирад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дорад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй:**

таҳлили маҷмӯии танзими ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар оила коркард шудааст. Дар кор бо дарназардошти вазъи имрӯзаи илми ҳуқуқшиносӣ, маҷмӯи масъалаҳои зерин пешниҳод карда шудаанд: 1) мафҳуми оила ва аҳамияти он дар тарбияи кӯдакон; 2) мафҳуми тарбияи кӯдакон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ; 3) таҳлили доираи амалӣ намудани ваколатҳои субъектони таълиму тарбияи кӯдакон; 4) масъалаҳо вобаста ба ошкор ва ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парасторӣи падару модар монда ва шаклҳои ҷобаҷокунии онҳо коркард карда шудааст.

**Исбот карда шудааст**, ки тарбия ин чараёни бефосила ва меъёрию танзимшаванда мебошад, ки тавассути субъектҳои махсус амалӣ карда шуда, барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак ва омодагии он ба ҳаёти мустақилона равон карда мешавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- маводи ин рисола фаҳмишҳои илмии тарбияи кӯдакро мукаммал гардонида, барои тадқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд.

-Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбия, таълим дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи кӯдак, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падару модар дар таълиму тарбияи кӯдакон дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд.

-Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон ва дар умум сатҳи тарбияи насли наврас дар ҷомеа хизмат кунанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои умумии фалсафавӣ, аз қабили диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ **истифода бурда шудаанд**.

Чун заминаи назариявӣ осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Х.К. Салимов, Б.Т. Сухомлинский, В.А. Лихачев, Л.И. Маленков, Л.А. Григорович, Т.Д. Марсиновская, А.А. Лиханов, Е.М. Рыбинский, О.А. Карабанова, ҳуқуқшиносон А.М. Маҳмудзода, Б.Т. Худоёрзода, А.Г. Холиқзода, Т.Ф. Тоҳиров, И.Х. Furthermore Бобоҷонзода, М.З. Раҳимзода, М.В. Антокольская, О.Ю. Блохин, Е.М. Ворожейкин, З.И. Воронина, Л.Ю. Голышева, Е.П. Данилова, С.А. Иванова, В.Н. Леженина, Г.К. Матвеева, Л.Ю. Михеева, А.М. Нечаева, А.И. Пергамент, В.А. Рясенцев, С.А. Сорокин, Е.А. Фомина ва дигарон **омӯхта шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- пешниҳодҳои ташаккулнамуда ва тавсияҳои амалӣ барои такмили батанзимдарории ҳуқуқии тарбияи кӯдакон муҳим аст.

-хулосаҳои дар диссертатсия фарогирифта, пешниҳодҳои муаллиф, тавсияҳо, маводи илмӣ метавонанд дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиккунӣ истифода шаванд, аз ҷумла дар мақомоти ҳокимияти иҷроия, таҷрибаи судӣ, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми коркарди минбаъдаи масъалаҳои батанзимдарории ҳуқуқии тарбия, инчунин дар ҷараёни таълими курси ҳуқуқи оилавӣ дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ

Асарҳои илмии олимон Х.К. Салимов, Б.Т. Сухомлинский, В.А. Лихачев, Л.И. Маленков, Л.А. Григорович, Т.Д. Марсиновская, А.А. Лиханов, Е.М. Рыбинский, О.А. Карабанова, ҳуқуқшиносон А.М. Маҳмудзода, Б.Т. Худоёрзода, А.Г. Холиқзода, Т.Ф. Тоҳиров, И.Х. Бобоҷонзода, М.З. Раҳимзода, М.В. Антокольская, О.Ю. Блохин, Е.М. Ворожейкин, З.И. Воронина, Л.Ю. Гольшева, Е.П. Данилова, С.А. Иванова, В.Н. Леженина, Г.К. Матвеева, Л.Ю. Михеева, А.М. Нечаева, А.И. Пергамент, В.А. Рясенцев, С.А. Сорокин, Е.А. Фомина ва дигарон **истифода шудаанд.**

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои санадҳои байналмиллалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

- Аҳамияти назариявии рисолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмии тарбияи кӯдакро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти

минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамояд. Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар натиҷаҳои бадастовардаи ӯнвонҷӯ барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбия, таълим дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи кӯдак, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падару модар дар таълиму тарбияи кӯдакон дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон ва дар умум сатҳи тарбияи насли наврас дар ҷомеа хизмат кунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо, нуктаҳои илмӣ ва 5 мақолаи илмӣ ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 10 ноябри соли 2020 қарор қабул карда шуд, ки ба Саидзода Муҳаббат Шералӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар ҳайати умумии Шӯрои диссертатсионӣ овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**10 ноябри соли 2020**